**Хулосаи**

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст.

1. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Мамадғафуров И.Э. дар шароити имрӯзаи илми муносибатҳои байналхалқӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф дарки моҳияти сиёсати хориҷии Афғонистон, тағйирёбӣ ва дурнамои он дар шароити муосир мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои дарки тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Афғонистон муҳим арзёбӣ мегарданд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 23.00.04. - масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 3-юми марти соли 2020, таҳти №63 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шуда, ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мамадғафуров И.Э. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Мамадғафуров И.Э. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Искандаров Акбаршо Искандарович, доктори илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- Сафолзода Муҳаммади Қурбон номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Муассисаи давлатии «Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи С.Улуғзода» таъйин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои таърих,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Олимов М.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои фалсафа,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Муъминов А.

номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи умумии
ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Қудратов К.

имзои / подпись Олимов М., Муъминов А., Кудратов К.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо/подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС • ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН • TAJIK NATIONAL UNIVERSITY • УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ